**Иштирок дар маросими ифтитоҳи Маркази омӯзиши касбӣ доир ба лоиҳаи мусоидат ба шуғли шахсони имконияташон маҳдуд ва аъзои оилаи онҳо дар ноҳияи Шаҳринав.**

17-уми сентябри соли 2025 Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷопон дар Тоҷикистон хонум ФУРУТА Кэйко дар маросими ифтитоҳи Маркази омӯзиши касбӣ оид ба лоиҳаи мусоидат ба шуғли аҳолии имконияташон маҳдуд ва аъзои оилаи онҳо дар ноҳияи Шаҳринав, ки аз ҷониби Ташкилоти ғайридавлатии Ассотсиатсияи кӯмак ва дастгирии Ҷопон амалӣ карда мешавад, иштирок намуданд. Барои ин лоиҳа 2 миллиарду 95 миллион иени ҷопонӣ ($322,943 доллари ИМА) ҷудо карда шудааст.

Пас аз пазироии гарм аз ҷониби сокинони ноҳияи Шаҳринав, дар маросим Сафир ФУРУТА ва Ҳамоҳангсози барномаи Ассотсиатсияи кӯмак ва дастгирии Ҷопон дар шаҳри Душанбе хонум ТАКАШИМА Масами суханронӣ карданд. Аз ҷониби Тоҷикистон Раиси ноҳияи Шаҳринав ҷаноби Абдуқодир ВАЛИЗОДА ва истифодабарандагони Марказ ба Ҳукумати Ҷопон барои кӯмаки расонидашуда миннатдорӣ баён намуданд.






Баъд аз маросим, Сафир ФУРУТА бо бинои Марказ ва таҷҳизоти он, аз ҷумла мошинаҳои дӯзандагӣ, шинос шуданд. Тахминан 380 нафар аҳолии имконияташон маҳдуд ва оилаи онҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва расидан ба истиқлолияти рӯҳӣ ва иҷтимоӣ дар ин марказ аз омӯзиши касбӣ мегузаранд.



